# Элишоъ



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.




IV Подшоҳон 2:12-16






IV Подшоҳон 2:16-22




IV Подшоҳон 2:23-25






IV Подшоҳон 3:1-10


ЕҲЎШОФОТ МЕПУРСАД: «ОЁ ПАЙҒАМБАРИ ПАРВАРДИГОР ДАР ИН ҶО БО МО НЕСТ?»
ЭЛИШОЪ, ЁРДАМЧИИ ИЛЁС ИН ҶОСТ.
Ў МАҲЗ ҲАМОН КАСЕСТ, КИ БА МО ДАРКОР АСТ.
МАРО БО ТУ ЧӢ КОР АСТ, ПОДШОҲИ ИСРОИЛ?
НАЗДИ ПАЙҒАМБАРОНИ ДУРЎҒИНИ ПАДАРУ МОДАРАТ БИРАВ!
НЕ, ЗЕРО КИ ПАРВАРДИГОР ИН СЕ ПОДШОҲРО ДАЪВАТ НАМУДААСТ, ТО КИ ОНҲОРО БА ДАСТИ МЎОБ БИСУПОРАД!
БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОР ҚАСАМ МЕХЎРАМ, КИ АГАР ПОСИ ХОТИРИ ЕҲЎШОФОТРО НАМЕДОШТАМ, НАМЕОМАДАМ.
АЛҲОЛ НАВОЗАНДА БАРОИ МАН БИЁРЕД.
ПАРВАРДИГОР ЧУНИН МЕГЎЯД: "ИН ВОДИРО ПУР АЗ ХАНДАҚҲО БИСОЗ, ТО ОНҲО БО ОБЕ КИ Ў БА ШУМО МЕФИРИСТАД, ПУР ШАВАНД".
БОДЕ НАХОҲЕД ДИД ВА БОРОНЕ НАХОҲЕД ДИД, ВАЛЕ ИН ВОДӢ АЗ ОБ ПУР ХОҲАД ШУД, ВА ШУМО ВА РАМАҲОИ ШУМО ВА ЧОРПОЁНИ ШУМО ХОҲЕД НЎШИД!
АММО ИН ФАҚАТ АВВАЛИ КОР АСТ, ЗЕРО ПАРВАРДИГОР МЎОБРО НИЗ БА ДАСТИ ШУМО МЕСУПОРАД!
ВА ШУМО ҲАР ШАҲРИ ДЕВОРДОР ВА ҲАР ШАҲРИ БЕҲТАРИНРО ЗАРБА ХОҲЕД ЗАД, ВА ҲАР ҚИТЪАИ ЗАМИНИ ХУБРО БО САНГҲО ВАЙРОН ХОҲЕД КАРД.






IV Подшоҳон 3:20-24


ИСРОИЛИЁН БА ПЕШ ҲАРАКАТ КАРДАНД.
ОНҲО БА ҲАР ҚИТЪАИ ЗАМИНИ ХУБ САНГҲО ПАРТОФТА, ОНРО ПУР КАРДАНД, ҲАР ЧАШМАИ ОБРО БАСТАНД, ҲАР ДАРАХТИ ХУБРО БУРИДАНД ВА ҲАМАИ ШАҲРҲОРО ЗАБТ КАРДАНД.
ВА ПОДШОҲИ МӮОБ ДИД, КИ ҶАНГ БА Ӯ САХТӢ МЕКУНАД, ВА Ӯ ҲАФТСАД ШАМШЕРЗАНРО ГИРИФТ, ТО КИ БА ТАРАФИ ПОДШОҲИ АДӮМ ЗАДА ДАРОЯД.
ВАЛЕКИН ИН КОРРО КАРДА НАТАВОНИСТ ВА БА ДЕВОРИ РӮ БА РӮИ ДУ ЛАШКАР БАРОМАД.
Ӯ ЧӢ КАРДА ИСТОДААСТ?
Ӯ ПИСАРАШРО БА ХУДОИ ХУД КАМУШ ҚУРБОНӢ МЕКУНАД.
ҚИРБОНӢ ОВАРДАНИ ПОДШОҲИ МӮОБ САРБОЗОНИ ӮРО БА ДАЛЕРТАР ҶАНГИДАН РӮҲБАЛАНД НАМУД.
НИҲОЯТ, ЛАШКАРИ ИСРОИЛ БА ХОНА БАРГАШТ.






IV Подшоҳон 4:1-7




IV Подшоҳон 4:8-15






IV Подшоҳон 4:15-20


Ӯ ПИСАРИ МУРДААШРО БА БИСТАРИ ПАЙҒАМБАР ГУЗОШТ.
ЯКЕ АЗ НАВКАРОН ВА ЯКЕ АЗ МОДАХАРОНРО НАЗДИ МАН БИФИРИСТ, ВА МАН ШИТОБОН НАЗДИ МАРДИ ХУДО МЕРАВАМ ВА БАРМЕГАРДАМ.
ЧАРО ТУ ИМРӮЗ, КИ ЯГОН ИД НЕСТ, НАЗДИ Ӯ МЕРАВӢ
ИН МУҲИМ АСТ. МАН БОЯД РАВАМ.
ЗУДТАР! ТО ДАМЕ КИ БА ТУ НАГӮЯМ, ТАВАҚҚУФ НАКУН.
НИГОҲ КУН, ҲАМОН ЗАНИ ШУНЕМӢ НАЗДИК ОМАДА ИСТОДААСТ. БА ПЕШВОЗИ ВАЙ ДАВИДА ПУРС, КИ ЧӢ ШУДААСТ.
ПУРС, КИ ОЁ АҲВОЛИ ШАВҲАРАШ ХУБ АСТ ВА ОЁ ПИСАРАШ СОЛИМ АСТ.
ХОҶААМ ДОНИСТАН МЕХОҲАД, КИ ОЁ ҲАМААШ ХУБ АСТ.
ҲА, ҲАМААШ ХУБ АСТ.






IV Подшоҳон 4:27-33


ВА ДАҲОНИ ХУДРО БАР ДАҲОНИ ВАЙ ВА ЧАШМОНИ ХУДРО БАР ЧАШМОНИ ВАЙ ВА КАФҲОИ ДАСТИ ХУДРО БАР КАФҲОИ ДАСТИ ВАЙ ГУЗОШТ– ВА БАДАНИ ПИСАРАК АЗ НАВ ГАРМ ШУДАН ГИРИФТ.
БАЪД ПАЙҒАМБАР ДАР ХОНА ИН СӮ ВА ОН СӮ ҚАДАМ ЗАД; БАЪД БОЗ БАР ВАЙ ДАРОЗ КАШИД.
ВА КӮДАК ҲАФТ БОР АТСА ЗАД.
АПЧҲӢ!
АПЧҲӢ!
...
ЗАНРО ДАЪВАТ НАМО.
ПИСАРАТРО БИГИР.


ВА ЭЛИШОЪ НАЗДИ ПИСАРОНИ ПАЙҒАМБАРОН БА ҶИЛҶОЛ БАРГАШТ, КИ ОН ҶО ГУРУСНАГӢ БУД.
ДЕГИ КАЛОНРО МОНДА, ХӮРОКЕ БАРОИ ПИСАРОНИ ПАЙҒАМБАРОН БИПАЗ.
ПАЙҒАМБАРОНИ ҶАВОН БА САҲРО РАФТАНД, ТО КИ БАРОИ ХӮРОК ГИЁҲ ЧИНАНД.
МАРГ ДАР ДЕГ АСТ, ЭЙ МАРДИ ХУДО – ДАР ХӮРОК МЕВАҲОИ ЗАҲРНОК ҲАСТАНД!
БА МАН ОРД БИЁРЕД.
АКНУН БИГУЗОР ОНҲО БИХӮРАНД.
ПАС АЗ ОН КИ ЭЛИШОЪ БА ДЕГ ОРД АНДОХТ, ХӮРОК БЕЗАРАР ШУД.
БОВАРНОКАРДАНӢ – ХУДО ҲАҚИҚАТАН БО ЭЛИШОЪ АСТ.
МО БА Ӯ ГӮШ ДОДА ВА ӮРО МУШОҲИДА НАМУДА, БО ХУДО ҚАДАМГУЗОР БУДАНРО МЕОМӮЗЕМ.


МАН АЗ БААЛ-ШОЛИШО ОМАДАМ. МАН АЗ ХУДО МЕТАРСАМ ВА АЗ НАВБАРҲОИ ХУД БА ХИЗМАТГОРОНИ Ӯ НОН ВА ҒАЛЛА ОВАРДАМ.
ПАРВАРДИГОР ТУРО ВА ҲАДИЯИ ТУРО БАРАКАТ ДИҲАД.
ИН БАРОИ ХӮРОНДАНИ САД НАФАР ПИСАРОНИ ПАЙҒАМБАРОН ХЕЛЕ КАМ АСТ!
ИН ХӮРОКРО БА ОДАМОН ДЕҲ.
ЗЕРО КИ ПАРВАРДИГОР ЧУНИН МЕГӮЯД: "ХОҲАНД ХӮРД, ВА АЗ ОНҲО ЗИЁДАТӢ ХОҲАД МОНД".
ВА ОДАМОН БАРОИ ХӮРОК ҚАТОР ИСТОДАНД.
!!!
НИГОҲ КУН – БОЗ КАМЕ НОН БОҚӢ МОНДААСТ.
ҲА, МУВОФИҚИ КАЛОМИ ПАРВАРДИГОР.






IV Подшоҳон 5:1-5


ПОДШОҲИ АРАМ ЧӢ КОР КАРДА ИСТОДААСТ – Ӯ МЕГӮЯД: «ДАР БАРОБАРИ ИН НОМА НАВКАРИ ХУД НААМОНРО НАЗДИ ТУ ФИРИСТОДАМ, ТО КИ ӮРО АЗ МАХАВАШ ШИФО ДИҲӢ».
НОГУЗИР БАЙНИ МОВУ АРАМИЁН ҶАНГИ КАЛОНЕ МЕШАВАД.
ОЁ МАН ХУДО ҲАСТАМ, КИ БИМИРОНАМ ВА ЗИНДА ГАРДОНАМ?
ЧАРО ВАЙ НАЗДИ МАН КАС ФИРИСТОДААСТ, ТО КИ АЗ МАХАВАШ ШИФО ДИҲАМ?
ВАЙ БАРОИ ҶАНГ БАҲОНА МЕҶӮЯД.
ХОҶААМ, НОМАЕ АЗ ПАЙҒАМБАР ЭЛИШОЪ.
ЭЛИШОЪ МЕГӮЯД: «ЧАРО ЛИБОСИ ХУДРО ЧОК ЗАДӢ?»
«БИГЗОР ВАЙ НАЗДИ МАН БИЁЯД, ТО БИДОНАД, КИ ПАЙҒАМБАРЕ ДАР ИСРОИЛ ҲАСТ».
БО МАЙЛИ ТОМ. ИН САРЛАШКАРИ АРАМИРО БА ХОНАИ ЭЛИШОЪ РАВОНА КУНЕД.
МЕБИНЕМ, Ӯ БО ВАЙ ЧӢ КАРДА МЕТАВОНАД!
ХОҶААМ БА ТУ МЕГӮЯД, КИ РАФТА, ҲАФТ БОР ДАР УРДУН БИШӮЙ, ВА БАДАНАТ АЗ НАВ ТОЗА ШУДА, ТУ ПОК ХОҲӢ ГАРДИД.






IV Подшоҳон 5:11-14


ИНАК, АКНУН ДОНИСТАМ, КИ ХУДОЕ ДАР ТАМОМИ ЗАМИН НЕСТ, ҶУЗ ОН КИ ДАР ИСРОИЛ АСТ.
ХОҲИШ МЕКУНАМ, ТӮҲФАЕ АЗ БАНДААТ БИГИР.
БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОРЕ КИ БА Ӯ ХИЗМАТ МЕКУНАМ, ҚАСАМ МЕХӮРАМ, КИ ЧИЗЕ НАХОҲАМ ГИРИФТ».


ХОҲИШ МЕКУНАМ, – ТУ МӮЪҶИЗАИ БУЗУРГЕ БА АМАЛ ОВАРДА, МАРО ШИФО ДОДӢ.
ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ИСРОИЛ ТУРО ШИФО ДОД.
ЧУН НАМЕГИРӢ, ИҶОЗАТ ДЕҲ БА АНДОЗАЕ КИ ДУ ХАЧИР БАРДОРАД, ХОК ГИРАМ, ЧУНКИ БАНДААТ МИНБАЪД БА ХУДОЁНИ ДИГАР, ҶУЗ ПАРВАРДИГОР, ҚУРБОНИҲОИ СУХТАНӢ ВА ҲАДИЯҲО ПЕШКАШ НАХОҲАД КАРД.
БО ОСОИШ БИРАВ.


ФАҚАТ ДАР ЯК ЧИЗ БИГЗОР ПАРВАРДИГОР БАНДААТРО БАХШАД: ВАҚТЕ КИ ХОҶАИ МАН БА БУТКАДАИ РИММӮН ОЯД, ТО КИ САҶДА КУНАД, ВА Ӯ БАР ДАСТИ МАН ТАКЯ КУНАД,
ВА БА МАН ЛОЗИМ МЕОЯД, КИ ДАР ОН ҶО САҶДА КУНАМ, – БИГЗОР ПАРВАРДИГОР БАНДААТРО БАРОИ ИН БАХШАД ….


ХОҶААМ БА НААМОНИ АРАМӢ БЕҲАД БОИЛТИФОТ МУНОСИБАТ КАРДА, ТӮҲФАҲОИ САХОВАТМАНДОНАИ ӮРО НАГИРИФТ.
БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОР ҚАСАМ, КИ МАН АЗ ҚАФОИ ВАЙ ДАВИДА, ЧИЗЕ АЗ ВАЙ ХОҲАМ ГИРИФТ.






IV Подшоҳон 5:21-27




IV Подшоҳон 6:1-7






IV Подшоҳон 6:8-14






IV Подшоҳон 6:15-17






IV Подшоҳон 6:18-23




IV Подшоҳон 6:24-31






IV Подшоҳон 6:32-7:2




IV Подшоҳон 7:3-9






IV Подшоҳон 7:10-20


ЗАНИ ШУНЕМӢ, КИ ЭЛИШОЪ ПИСАРИ ӮРО ЗИНДА КАРДА БУД, ДАР ЗАМИНИ ФАЛИШТИЁН МЕЗИСТ, ЗЕРО ЭЛИШОЪ ӮРО АЗ ГУРУСНАГИИ МЕОМАДА ОГОҲ НАМУД.
ҲАНГОМЕ Ӯ БАРГАШТ, КАСИ ДИГАРЕ ХОНАВУ ЗАМИНИ ӮРО СОҲИБӢ КАРДА БУД. БИНОБАР ИН Ӯ РАФТА ДОДХОҲӢ НАМУД.
ДАР ОН РӮЗ ҶЕҲАЗӢ, ЁРДАМЧИИ ИЛЁС, БА ПОДШОҲ ДАР БОРАИ МӮЪҶИЗАҲОИ БУЗУРГИ ЭЛИШОЪ НАҚЛ МЕКАРД, АЗ ОН ҶУМЛА ДАР БОРАИ ЭҲЁ НАМУДАНИ ПИСАРИ ИН ЗАН.
ЭЙ ХОҶААМ ПОДШОҲ, ИН ҲАМОН ЗАН АСТ, ВА ИН ПИСАРИ ӮСТ, КИ ЭЛИШОЪ ЗИНДА КАРДА БУД.
БОРИ АВВАЛ МЕШУНАВАМ, КИ КАСЕ АЗ МУРДАГОН БАРГАШТА БОШАД.
МАН МЕХОҲАМ, КИ ТАМОМИ ДОРОӢ ВА ТАМОМИ ҲОСИЛИ ЗАМИНИ ӮРО АЗ РӮЗЕ КИ МАМЛАКАТРО ТАРК КАРДААСТ, ТО ҲОЛ БА Ӯ БАРГАРДОНДА ШАВАД.
ИТОАТ, ПОДШОҲАМ – МО ҲАМААШРО МУВОФИҚИ ФАРМОНИ ШУМО БА ҶО МЕОВАРЕМ.


ЭЛИШОЪ БА ДИМИШҚ РАФТ, ТО КИ ЯКЕ АЗ СЕ ФАРМОНРО, КИ ПАРВАРДИГОР ДАР КӮҲИ ҲӮРИБ БА Ӯ ДОДА БУД, БА ҶО ОВАРАД (3 ПОДШОҲОН 19:15-16).
ПОДШОҲИ АРАМ БЕМОР БУД, ВА ЧУН ШУНИД, КИ БА ШАҲР ЭЛИШОЪ ОМАДААСТ, ХИЗМАТГОРАШ ҲАЗОИЛРО ДАЪВАТ НАМУД.
ҲАДИЯЕ БА ДАСТИ ХУД ГИРИФТА, БА ПЕШВОЗИ МАРДИ ХУДО БИРАВ.
БА ВОСИТАИ ВАЙ АЗ ПАРВАРДИГОР БИПУРС, КИ ОЁ МАН АЗ ИН БЕМОРӢ ШИФО ХОҲАМ ЁФТ.
ПОДШОҲ ЭЛИШОЪРО БА ҶАВОБИ МУСБАТ МОИЛ КАРДАНӢ ШУДА, БА АНДОЗАИ БОРИ ЧИЛ ШУТУР ТӮҲФАҲО ФИРИСТОД.
ПИСАРАТ БИНҲАДАД, ПОДШОҲИ АРАМ, МАРО ФИРИСТОД, ТО БИПУРСАМ, КИ ОЁ Ӯ АЗ ИН БЕМОРӢ СИҲАТ МЕШАВАД.
БИРАВ ВА БА Ӯ БИГӮЙ: «ТУ СИҲАТ МЕШАВӢ».
АММО ПАРВАРДИГОР БА МАН ОШКОР НАМУД, КИ Ӯ МЕМИРАД.
ПАЙҒАМБАР БА ҲАЗОИЛ ЧАШМИ ХУДРО ДӮХТ, БА ТАВРЕ КИ Ӯ БЕТОҚАТ ШУДА РӮЙ ГАРДОНД. (1)
(1) ҲАЗОИЛ АЗ ОН САБАБ БЕТОҚАТ ШУД, КИ ФАҲМИД: ЭЛИШОЪ МЕДОНАД, КИ Ӯ НИЯТИ КУШТАНИ ПОДШОҲРО ДОРАД.


ЧАРО ХОҶААМ ГИРЯ МЕКУНАД?»
ЗЕРО МЕДОНАМ, КИ ЧӢ ФАЛОКАТЕ БА САРИ БАНӢ ИСРОИЛ ХОҲӢ ОВАРД.
БА ҚАЛЪАҲОИ ОНҲО ОТАШ ХОҲӢ ЗАД, ВА ҶАВОНОНИ ОНҲОРО БО ШАМШЕР ХОҲӢ КУШТ, ВА ТИФЛОНИ ОНҲОРО РЕЗА-РЕЗА ХОҲӢ КАРД, ВА ҲОМИЛАДОРОНИ ОНҲОРО ШИКАМЧОК ХОҲӢ СОХТ.
БАНДАИ МИСЛИ ЯК САГИ ТУ КИСТ, КИ ЧУНИН КОРИ БУЗУРГЕ БИКУНАД?
ПАРВАРДИГОР ТУРО БА МАН ҲАМЧУН ПОДШОҲИ АРАМ НИШОН ДОД.
ЭЛИШОЪ БА ТУ ЧӢ ГУФТ?
БА МАН ГУФТ, КИ АЛБАТТА ШИФО ХОҲӢ ЁФТ.
АММО ФАРДОЯШ Ӯ ҶОЙПӮШЕРО ГИРИФТА, ДАР ОБ ҒӮТОНИД, ВА БАР РӮИ ВАЙ ПӮШОНИД, ВА ВАЙ МУРД.
ҲРРҲҲГҲ...
ҲАЗОИЛ БА ҶОИ ВАЙ ПОДШОҲ ШУД.













**SUPERBIBLE.TV**